МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ИНСТИТУТИ МАСОИЛИ
АМНИЯТИ БИОЛОГӢ ВА БИОТЕХНОЛОГИЯ»
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
734067, ш.Душанбе, Гипрозем 61 тел. 378842479 e-mail: baytor@mail.ru

№ 179 аз «03» 10 с. 2025

«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти масоили
амнияти биологӣ ва
биотехнологияи АИКТ, д.и.в.
_____ Абдуллоев А.О.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба рисолаи илмии Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи: «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқати мавзӯъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос.

Мавзӯъ ва матни диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич соҳаи тадқиқоти илмӣ ба бандҳои 5.1, 5.5 ва 5.11 Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мувофиқат менамояд.

2. Мубрамияти мавзӯи диссертатсия

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аксари аҳолии деҳот бо парвариши чорво машғул буда, аз ин ҳисоб маҳсулоти ғизоӣ ва даромади иловагӣ ба даст меоранд.

Дар Тоҷикистон бемориҳои зоонозии брутселлёз, салмонеллёз ва стафилококкоз ба муҳити атроф тавассути маҳсулоти сироятнок ба одамон сироят ёфта, зарари иқтисодию иҷтимоӣ мерасонад.

Назорати сифати маҳсулоти чорво, хусусан шир, дар пешгирии бемориҳои зоонозӣ аҳамияти калон дорад. Барои таъмини истеҳсоли маҳсулоти бехатар, санҷиши назорати мунтазами микробиологии шир зарур аст. Солҳои охир саршумори модаговҳо дар ҷумҳурӣ зиёд шуда дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти аз ҷиҳати сафедаҳо бой нақши назаррас мебозад.

Таҳқиқи мушкилоти марбут ба брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба таври комил омӯхта нашудааст. Паҳншавии ин бемориҳо ба соҳаи чорводорӣ зарари иқтисодӣ мерасонад ва ба саломатии аҳолӣ хатари ҷиддӣ дорад.

Бинобар ин муайян кардани саривақтии барангезандаҳои бемориҳои зоонозӣ дар чорво ва маҳсулоти ширӣ, барои татбиқи тадбирҳои самараноки пешгирӣ ва мубориза бо онҳо зарур ва саривақтӣ мебошад.

3. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои илмӣ, ки дар рисола оварда шудаанд.

Мавзӯъ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, ба натиҷаҳои якҷояи тадқиқоти озмоишгоҳӣ асос ёфтаанд. Асоснокии хулосаҳо бо натиҷагирӣ аз тадқиқоти бактериологӣ ва серологии шир, тадқиқот оид ба ҷудо кардан ва омӯзиши хосиятҳои изолятҳои микроорганизмҳои бактериявӣ (салмонеллаҳо ва коккҳо) дар ҳайвонот, омӯзиши ҳассосияти микроорганизмҳои ҷудошуда ба маводи зиддимикробӣ, ҳамзамон натиҷаи истифодаи доруи гиёҳӣ барои муолиҷаи илтиҳоби ғадудҳои ширии (мастит) чорвои калони шохдор бо этиологияи бактериявӣ тасдиқ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот муҳокима шуда ва дар ҷаласаҳои шуроҳои олимони Институти тибби ветеринарӣ баррасӣ шудаанд.

Муалиф барои хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ ҷиҳати пешгирии чорво аз бемориҳо дастуру тавсияномаҳои зеринро таҳия ва пешниҳод намудааст:

- Тавсияҳои методӣ оид ба ошкор намудани бемории брутселлёз дар шир бо роҳи санҷиши ҳалқавӣ бо истифода аз антигенҳои гуногун, таҳия карда шудааст (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07.с2020 тасдиқ шудааст);

- Дастурамал оид ба гузаронидани экспертизаи доруворӣ, моддаҳо ва маводи ёрирасони ветеринарӣ (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07.с2020 тасдиқ шудааст);

- Дастурамали методии “Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот” (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2024 тасдиқ шудааст);

- Доруи гиёҳӣ барои табобати мастити чорвои кишоварзӣ (Нахустпатенти № TJ 1436).

4. Навгонии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ.

Аз ҷониби муаллиф дар шароити озмоишӣ хусусиятҳои клиникии бемориҳои зоонозии брутселлёз, салмонеллёз ва сирояти кокк омӯхта шудаанд.

Дар баробари ин паҳншавии бемориҳои брутселлёз, салмонеллёз ва стафилококкоз дар шароити хоҷагиҳои чорводории ширии кишвар таҳқиқ гардида аст.

Бо мақсади таъмини эътимоднокии натиҷаҳо ҳассосияти як қатор антигени бо усули АҲ истифодашаванда омӯхта шуда, арзёбии муқоисавии онҳо бо антигени якранг барои ташхиси брутселлёз дар шир гузаронида шуд.

Дар шароити ҶТ бо усули муосири аксуламали занҷири полимеразӣ (АЗП (PCR) штамми маҳаллии *Brucella abortus* муайян карда шуд.

Ҳамчунин, барои ба даст овардани натиҷаи фаврӣ, ҳангоми ташхиси брутселлёз бикарбонати натрий дар якҷоягӣ бо антигени ранга истифода шуда, намунаҳои мусбӣ пас аз истифодаи ташхиси серологии шири гов бо усули АҲ ва АЯР тасдиқ карда шуданд.

Дар натиҷаи иҷрои таҳқиқоти илмӣ тибқи Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ барои солҳои 2022-2023 “Тарҳрезии малҳам ва қиёми равғанини гули чойкаҳак ва сесанбарги зарафшонӣ барои пешгирӣ ва табобати илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи ҳайвоноти кишоварзӣ” муаллифи рисола ба навоварӣ ноил шудааст, ки бо Нахустпатенти TJ №1436 барои ихтироъ тасвиб гардидааст.

Ихтирои мазкур ба озмун ба давлати Қувайт пешниҳод карда шуда, дар байни 58 давлати дунё соҳиби медали биринҷии озмун дар соли 2024 гардид.

5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия ин омӯзиши вазъи эпизоотӣ оид ба бемориҳои бактериявии зоонозӣ - брутселлёз, салмонеллёз ва стафилококкҳо дар хоҷагиҳои чорводории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ зиёда аз 2000 намунаи шири хом ва маводи дигар таҳқиқ

шуда, микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар ҷудо ва муайян карда шуданд.

Сабабҳои асосии пайдоиш ва омилҳои паҳнкунандаи бемории илтиҳоби сироятии пистони говҳо (мастит) муайян карда шуда, доруи нави гиёҳӣ дар асоси экстрактҳои растаниҳои чойкаҳак ва сесанбарг таҳия шуда, дар шароити хоҷагиҳо самаранокии он тасдиқ гардид ва Нахустпатент гирифта шудааст.

Дар натиҷаи тадқиқот арзёбии муқоисавии антигенҳои истеҳсоли кишварҳо ва ширкатҳои гуногун дар ташхиси серологии шири гов бо истифода аз усулҳои АҲ (аксуламали ҳалқагӣ) ва АПК (аксуламали пайвастшавии комплементӣ), таҳқиқоти бактериологӣ, ҷудо кардани изолятҳои брутселла, инчунин муайян намудани сабабҳои асосии пайдоиши илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии сина дар ҳайвоноти кишоварзӣ гузаронида шуд, ки қисми муҳимми таҳқиқот мебошад.

Пешниҳодҳо ва дастурҳои илман асоснок, усулҳои таҳлил ва пешгирии зоонозҳо, хавфи сироятёбии инсонро тавассути истеъмоли маҳсулоти сироятноки ширӣ коҳиш медиҳанд.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот, дақиқӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот.

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз усулҳои муосир - бактериологӣ, серологӣ ва молекулярӣ-генетӣ (АЗП) таъмин карда шудааст. Намунаҳои амрозии санҷишӣ аз хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ ва аз чорвои хусусӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ гирифта шудааст.

Маълумоти бадастомада бо истифода аз усулҳои маъмул ва боэътимод дар соҳаи тибби ветеринарӣ мавриди таҳлили пурра қарор гирифтаанд, ки дақиқӣ ва асоснокии натиҷаҳоро тасдиқ мекунад.

Эътимоднокии натиҷаҳоро ҳаҷми кофии маводи оморӣ ва тадқиқоти озмоишгоҳӣ, санҷиши миқдори зиёди намунаҳои амрозӣ аз чорво ва интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ менамояд.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Саҳми шахсии муаллиф аз омӯзиш ва таҳлили маълумоти соҳавӣ, гузаронидани таҳлили оморӣ, омӯзиши усулҳои молекулавӣ, бактериологӣ, биологӣ ва клиникии таҳқиқи маводи амрозии чорво, банақшагирӣ ва татбиқи бевоситаи тадқиқот, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада иборат аст, инчунин тартиб додани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникию тавсияҳо саҳми бевоситаи унвончӯ мебошад.

7. Саҳми шахсии муаллиф.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот ба таври зерин ифода меёбад:

- омӯзиш ва таҳлили маълумоти соҳавӣ;
- гузаронидани таҳлили оморӣ;
- омӯзиши усулҳои молекулавӣ, бактериологӣ, биологӣ ва сарирӣ барои таҳқиқи маводи амрозии чорво;
- банақшагирӣ ва иҷрои бевоситаи тамоми марҳилаҳои тадқиқот;
- таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада.

Инчунин, тартиб додани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникию тавсияҳо низ саҳми бевоситаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

8. Нашри натиҷаҳои тадқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Дар асоси маводи тадқиқотии диссертатсия 14 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки 8 тояшон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Се тавсияи методӣ таҳия ва аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд.

Унвонҷӯ барои ихтироъ ва таҳияи «Мавод барои табобати илтиҳоби ғадудҳои ширии (мастит) ҳайвонот» соҳиби Нахустпатент (№TJ1436) мебошад.

Натиҷаҳои илмии муаллиф дар семинару конфронсҳои дохилию хориҷӣ баррасӣ гардида, баҳои баланд дода шудааст.

9. Арзёбии мундариҷаи рисола ва дараҷаи анҷомёбии он.

Сохтор ва ҳаҷми рисола

Дар муқаддима ва муаррифии умумии кор аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мушкилии илмӣ, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола муайян гардидаанд.

Рисолаи илмӣ як таҳқиқоти илмию мақсадноки анҷомёфта мебошад, ки мувофиқи талаботи пурра ба рисолаҳо барои ноил шудан ба дараҷаи илмӣ иҷро шудааст.

Сохт ва мундариҷаи кор ба мавзӯи рисола мувофиқат намуда, натиҷаҳо ба тартиб оварда шудаанд, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотиро пайдарҳам иҷро мекунанд.

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи интихобшуда асоснок карда шуда, дараҷаи илмии он, объект ва мавзӯи таҳқиқот, мақсад, вазифаҳо, инчунин асосҳои илмию амалии он муайян карда шудаанд.

Дар банди навоварии илмӣ, натиҷаҳои асосии иҷрои рисола аз ҷониби муаллиф зикр шудаанд, ки равиши асосӣ бо дарназаргирӣ ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқотиро тасдиқ мекунанд.

Рисола чор бобро дар бар мегирад. Дар боби аввал баррасии васеъи адабиёт, ки бар асоси таҳлили 165 манбаъ пешниҳод шудааст, дар он хусусиятҳои бемориҳои бактериявии зоонозӣ (брутселлёз, салмонеллёз, стафилококкҳо) дар ҳайвонот, намуди барангезандагони сироят, морфология, давраи ҳаётӣ, вазъи эпизоотӣ оид ба ин бемориҳо гузаронида шудааст. Усулҳои ташхис, усулҳои маъмул, яъне санҷишҳои серологӣ ва бактериологӣ, санҷиши биологӣ то равишҳои муосири ташхисӣ бо истифода аз усули аксуламали занҷираи полимеразӣ ба тафсил баррасӣ шудаанд.

Боби дуюм ба мавод ва усулҳои таҳқиқот бахшида шудааст, ки дар солҳои 2019–2024 дар пойгоҳи Институти тибби ветеринарии АИКТ ва дар лонаҳои эпизоотӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон сурат гирифтааст. Усули комплексии методологӣ, ки таҳқиқоти эпизоотологӣ, бактериологӣ, микроскопӣ, серологӣ ва молекулиро дар бар мегирад, истифода шудааст. 2256 намунаи шири хом, 423 намунаи олудагии пистонҳо, инчунин намунаҳои узвҳои паренхиматозӣ ташхис карда шуданд.

Вазъи эпизоотологии чорво дар хоҷагиҳои чорводорӣ арзёбӣ шуда, минтақаҳои бо хатари баланди эпизоотӣ муайян карда шуданд.

Боби сеюм таҳлили комили вазъи кунунии бемориҳои бактериявии зоонозӣ (брутселлёз, салмонеллёз, стафилококкҳо) бо истифода аз усулҳои гуногуни ташхисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон омузиши устуворнокии барангезандагони бемориҳои мазкур ба маводҳои зиддимикробӣ ва табобати бемориҳо бо истифода аз маводи табобатии гиёҳӣ барои давраи 2019–2024-ро дар бар мегирад.

Боби чорум натиҷаҳои бадастомадаро муҳокима менамояд, хулосаҳои асоснок ва пешниҳодҳо барои ворид кардани усулҳои таҳияшуда ба амалияти тибби ветеринарӣ пешниҳод мекунад. Маҷмуи тадбирҳои зиддиэпизоотӣ бо назардошти вазъи хоҷагиҳои чорводорӣ таҳия шудааст. Тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани мониторинг, ташхис ва назорати бемориҳои бактериявии зоонозӣ пешниҳод шудаанд.

Рисола аз 139 саҳифаи матни компютерӣ бо 14 ҷадвал, 5 диаграмма ва 28 расм иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 165 манбаъ, аз ҷумла 101 сарчашма ва адабиёт ба забони русӣ ва 64 адабиёт ба забони англисӣ мебошад. Дар замима ҳуҷҷатҳое оварда шудаанд, ки аҳаммияти илмӣ ва амалии тадқиқотро тасдиқ мекунанд.

Мундариҷаи рисола аз дараҷаи баланди анҷомёбии таҳқиқот далолат медиҳад. Ҳамаи вазифаҳои дарназаргузорӣ иҷро шудаанд, натиҷаҳо ба

тартиб пешниҳод шудаанд, хулосаҳо асоснок буда, аз маълумоти бадастомада мантиқан бармеоянд.

Сохтори кор ба талаботи «Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷавобгӯ аст ва сатҳи тарҳрезӣ ба стандартҳои академии муқарраршуда мувофиқат мекунад.

10. Мувофиқати тарҳрезии рисола ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тарҳрезии рисола пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Кор саҳифабандӣ шуда, матн ба тартиб баён гардидааст, расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, феҳристи адабиёт ба стандартҳо мувофиқат менамояд.

11. Мувофиқати салоҳияти илмии номзад барои гирифтани дараҷаи илмӣ.

Салоҳияти илмии Шарипов Рустам Миралиевич пурра ба талаботи додани дараҷаи илмии номзади илми ветеринарӣ ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мувофиқат мекунад.

Бо дарназардошти он ки таҳқиқоти диссертатсионии номзад ба меъёрҳои навоварии илмӣ мувофиқ мебошад, муаллиф барои дастгирӣ арзанда мебошад. Дар рисолаи мазкур усулҳо ва методологияҳое пешниҳод шудаанд, ки ба рушди соҳаи чорводорӣ ва пешгирии аҳолӣ аз сироятёбӣ мусоидат менамоянд.

Рисола аз асоси методологӣ қонеъкунанда, аҳамияти амалии баланд бархурдор аст, ки бо интишороти муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада тасдиқ мегардад.

Натиҷаи рисолаи мазкур баҳои мусбати мутахассисон ва коршиносони соҳаро соҳиб гардидааст.

12. Таҳлили норасоиҳо дар рисола ва автореферат

Гарчанде, ки тадқиқоти анҷомдода аҳамияти илмӣ ва амалии калон дорад, дар кори рисола ва автореферат метавон норасоиҳоро фарқ кард, ки арзиши кори таҳқиқотиро коҳиш намедиҳанд, вале барои такмили минбаъдаи тадқиқот бояд ба назар гирифта шаванд.

1. Мавҷуд будани хатоҳои имлоӣ. Дар диссертатсия ва автореферат хатоҳои имлоӣ дида мешаванд. Дар автореферат кор дар кадом озмоишгоҳи муассиса иҷро шудааст, маълумот оварда нашудааст.

2. Набудани баҳогузории муфассали иқтисодӣ. Дар кор нишондодҳои баланди самаранокии маводи доругии тарҳрезишуда барои муолиҷаи мастит пешниҳод шудааст. Аммо дар автореферат маълумоти муфассали иқтисодӣ, ки таъсири иқтисодии татбиқ намудани ин ихтироъро дар амалияи тибби ветеринарӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ нишон диҳад, оварда нашудааст. Санади татбиқи мавод дар хоҷагиҳои чорводорӣ пешниҳод нашудааст.

Гузориши чунин ҳисобот арзиши амалии корро мустаҳкам мекунад.

3. Маҳдудияти ҳудудии намунагирӣ. Тадқиқот дар хоҷагиҳои вилоятҳои Хатлон ва Суғд, инчунин Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сурат гирифтааст. Барои арзёбии васеи вазъи эпизоотӣ нисбат ба брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ тадқиқот дар ноҳияҳои дурдасти кишвар, низ муносиб мебуд.

4. Масъалаи стандартизатсияи доруи рустанигӣ (фитопрепарат).

Гарчи ихтирои малҳам дар асоси гиёҳҳои шифобахши маҳаллӣ навоварии муҳим мебошад, дар автореферат оид ба технологияи истеҳсол, санҷиши озмоишгоҳӣ, устувории таркиб, шароити нигоҳдорӣ ба таври кофӣ маълумот оварда нашудааст. Муфассалсозии ин ҷиҳатҳо барои истеҳсоли саноатӣ ва ба қайд гирифтани доруи воридотивазкунандаи ватанӣ муҳим мебошад. Тавсия дода мешавад, ки дастурамали истифодаи ин мавод низ таҳия карда шавад.

Норасоиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, бартариҳои асосии кори рисола, навоварии он, аҳамияти илмӣ ва амалии рисоларо коҳиш намедиҳанд.

13. Хулоса оид ба таҳлили диссертатсия

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи “Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ иҷро шуда, аз рӯи мундариҷа ба талаботи мавҷуда мувофиқат мекунад.

Рисола ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи рисола ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби ба дараҷаҳои илмӣ ноил шудан, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, таҳия шудааст.

Тақриз аз ҷониби муовини директор оид ба амнияти биологӣ ва инноватсияи Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология (ИМАББ) омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи озмоишгоҳи бемориҳои бахусус хавфноки чорвои Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ, протоколи №1 аз 03.10.2025, баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 6 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор 6 нафар, зид ва бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири озмоишгоҳи бемориҳои
бахусус хавфноки чорвои ИМАББ, н.и.в. Давлатов С.

Эксперт:
Муовини директор оид ба амнияти
биологӣ ва инноватсияи
ИМАББ, н.и.в. Маҳмудов К.Б.

Котиби илмии ҷаласа:
Ходими пешбари илмии
озмоишгоҳи бемориҳои бахусус
хавфноки чорвои ИМАББ, н.и.в. Искандаров Э.

Имзоҳои Маҳмудов К.Б. ва
Искандаров Э.- ро тасдиқ мекунам:
Сармутахасис оид ба кадр Нурова Г.Т.

ШУЪБАИ КАДРХО
ОТДЕЛ КАДРОВ

03 октябри соли 2025

Суроғаи муассисаи пешбар:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Гипрозем 61, тел: 2378842479; E-mail: baytor@mail.ru

03 октябри соли 2025